ҚАРОРИ
# МУШОВАРАИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз 28 ноябри соли 2015 №30/26 ш. Душанбе

Оид ба тасдиқи Консепсияи таҳияи барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимию методии насли нав аз фанҳои таълимии бахшҳои гуманитарӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва табиатшиносию риёзӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мушоварии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди раёсатҳои таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, илм ва инноватсияро оид ба Консепсияи таҳияи барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимию методии насли нав аз фанҳои таълимии бахшҳои гуманитарӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва табиатшиносию риёзӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намуда,

қарор мекунад:

1. Консепсияи таҳияи барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимию методии насли нав аз фанҳои таълимии бахшҳои гуманитарӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва табиатшиносию риёзӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии ҷумҳурӣ вазифадор карда шаванд, ки барои амалисозии Консепсияи мазкур тамоми чораҳои заруриро андешанд.

3.Ба раёсатҳои таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ (С. Авғонов), илм ва инноватсия (Х. Зиёев), иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм (И. Донахонов) ва Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методӣ (К. Исоев) супорида шавад, ки барои татбиқи Тадбирҳо оид ба амалӣ намудани Консепсияи таҳияи барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимию методии насли нав аз фанҳои таълимии бахшҳои гуманитарӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва табиатшиносию риёзӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ чораҷӯӣ намоянд.

4.Назорати ичрои қарори мазкур ба зиммаи муовини аввали вазир Р. Мирбобоев  ва муовини вазир Б. Одинаев гузошта шавад.

Раиси мушовара,
вазир                                                    Нуриддин  Саид

Бо қарори мушовараи Вазорати
маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 28 ноябри соли 2015, №30/26
тасдиқ карда шудааст

# Консепсияи
# таҳияи барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимию методии насли нав аз фанҳои таълимии бахшҳои гуманитарӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва табиатшиносию риёзӣбарои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон

## 1. Муқаддима

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолияти давлатӣ асосҳои давлатдории миллиро бунёд карда, қадамҳои устувор дар роҳи рушди иқтисодию иҷтимоӣ гузошт ва дар таъмини якпорчагии кишвар ва ваҳдати миллӣ комёб гардид. Бунёди давлати ягонаву демократӣ, ҳуқуқбунёду дунявӣ чун ҳадафи асосии бунёди давлати миллӣ ва амалишавии ормони дастёбӣ ба давлатдории миллӣ аз ҷониби шаҳрвандони ҷумҳурӣ пазируфта шуд ва ин ҳадаф заминаи воқеӣ доштани худро барои мардуми мо ва ҷомеаи ҷаҳонӣ комилан собит сохт. Кишвари мо дар арсаи байналмилалӣ низ чун узви комилҳуқуқи ҷомеаи башарӣ эътироф гардида, ба комёбиҳои назаррасе дар ин самт ба даст овард.

Тамоми дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди татбиқи сиёсати дохиливу хориҷии худ дар даврони истиқлолият ва он вазифаву ҳадафҳое, ки имрӯз дар назди ҷомеаи муосири тоҷик истодаанд, тақозо мекунанд, ки дар таълиму тарбияи насли навраси кишвар ислоҳоти куллӣ гузаронида шавад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ талаб карда мешавад, ки маориф ҳамчун омили муҳими таъмини амнияти миллӣ вазифаҳои худро бештару хубтар ба анҷом расонад. Аз ин рӯ, имрӯз зарурати стандартизатсия ва таҳияи насли нави китобҳои таълимӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ба миён омадааст.Консепсияи мазкур маҳз бо мақсади танзими чорабиниҳо дар ин самт қабул ва амалӣ карда мешавад.

## 2. Фанҳои таълимии бахшҳои гуманитарӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва табиатшиносию риёзӣ ва миқдори кредитҳо (соатҳо)-и онҳо

Барои расидан ба ҳадафҳое, ки дар Консепсияи мазкур зикр гардидаанд, қабл аз ҳама, таҷдиди маводи таълимӣ аз фанҳои бахшҳои гуманитарӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва табиатшиносию риёзӣ тақозо карда мешавад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ фанҳои гуманитарӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва табиатшиносию риёзӣ бо миқдори кредитҳо (соатҳо)-и дар ҷадвал нишон додашуда ба таври ҳатмӣ таълим дода шаванд:

| № | Номи фан | Миқдори умумии кредитҳо (соатҳо) | Аз онҳо | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | Машғулиятҳои аудитории лексионӣ-назариявӣ | Машғулиятҳои аудитории амалӣ | Корҳои мустақилонаи донишҷӯён |
| 1. | Фалсафа | 5 (120 соат) | 3 (72) | 1 (24) | 1 (24) |
| 2. | Таърихи халқи тоҷик | 6 кредит (144 соат) | 4 (96) | 1 (24) | 1 (24) |
| 3. | Забони тоҷикӣ | 4 кредит (96 соат) | 1 (24) | 2 (48) | 1 (24) |
| 4. | Забони хориҷӣ | 8 кредит (192 соат) | 2 (48) | 5 (120) | 1 (24) |
| 5. | Забони русӣ | 6 кредит (144 соат) | 1 (24) | 4 (96) | 1 (24) |
| 6. | Сотсиология | 3 кредит (72 соат) | 1 (24) | 1 (24) | 1 (24) |
| 7. | Сиёсатшиносӣ | 4 кредит (96 соат) | 2 (48) | 1 (24) | 1 (24) |
| 8. | Ҳуқуқ | 3 кредит (72 соат) | 1 (24) | 1 (24) | 1 (24) |
| 9. | Фарҳангшиносӣ | 3 кредит (96 соат) | 1 (24) | 1 (24) | 1 (24) |
| 10. | Диншиносӣ | 3 кредит (72 соат) | 1 (24) | 1 (24) | 1 (24) |
| 11. | Тарбияи ҷисмонӣ | 6 кредит (144 соат) | 2 (48) | 2 (48) | 2 (48) |
| 12. | Фанҳои интихобӣ: Этика ва эстетика ё Мантиқ | 3 кредит (72 соат) | 1 (24) | 1 (24) | 1 (24) |
| | *Ҷамъ:* | *54 кредит (1296 соат)* | *20 кредит (456 соат)* | *21 кредит (528 соат)* | *13 кредит (312 соат)* |
| 13. | Консепсияҳои табиатшиносии муосир | 3 кредит (72 соат) | 1 (24) | 1 (24) | 1 (24) |
| 14. | Назарияи иқтисодӣ | 3 кредит (72 соат) | 1 (24) | 1 (24) | 1 (24) |
| 15. | Географияи Тоҷикистон бо асосҳои демография | 3 кредит (72 соат) | 1 (24) | 1 (24) | 1 (24) |
| 16. | Технологияи | 6 кредит | 1 (24) | 4 (96) | 1 (24) |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | информатсионӣ | (144 соат) | | | |
| 17. | Фанҳои интихобӣ: (иҷроишашон ҳатмӣ)<br>Экология<br>Мудофиаи шаҳрвандӣ | 3 кредит (72 соат)<br>36<br>36 | 1 (24)<br><br>0,5 (12)<br>0,5 (12) | 1 (24)<br><br>0,5 (12)<br>0,5 (12) | 1 (24)<br><br>0,5 (12)<br>0,5 (12) |
| | *Ҷамъ:* | *18 кредит (432 соат)* | *5 кредит (120 соат)* | *8 кредит (192 соат)* | *5 кредит (120 соат)* |
| | **Ҳамагӣ:** | **72 кредит (1728 соат)** | **24 кредит (576 соат)** | **30 кредит (720 соат)** | **18 кредит (432 соат)** |

Эзоҳ: дар сурати мувофиқати фанҳои таълимии бахшҳои гуманитарӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва табиатшиносию риёзӣ ба ихтисоси якум ва ё дуюми донишҷӯён, миқдори кредитҳо (соатҳо)-и барои онҳо муайяншуда ба бахши фанҳои ихтисосӣ гузаронида мешаванд.

Бо назардошти чунин номгӯ ва миқдори кредитҳо (соатҳо)-и фанҳои таълимии бахшҳои гуманитарӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва табиатшиносию риёзӣ бояд ба Стандартҳои давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2011, №502) тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шаванд.

## 3. Методологияи таҳияи барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимию методии насли нав

### 3.1 Методология ва принсипҳои умумӣ

Барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимию методии насли нав аз фанҳои гуманитарӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва табиатшиносию риёзӣ бояд дар асоси дастовардҳои навтарини илму технологияи муосири ватанию хориҷӣ, педагогикаи миллӣ ва ҷаҳонӣ таҳия карда шаванд. Тамоми маводи таълимӣ бояд бо назардошти гузариши пурра ба низоми кредитии таҳсилот омода карда шуда, фарогири маводи лексионӣ-назариявӣ, мавод барои корҳои мустақилонаи донишҷӯён бо роҳбарии омӯзгор ва корҳои мустақилонаи донишҷӯён дар шакли инфиродӣ, аз ҷумла, машғулиятҳои амалӣ, семинарҳо, корҳои лабораторӣ, саволҳои тестӣ ва амсоли он бошанд ва барои ташаккули салоҳиятнокии донишҷӯён мусоидат намоянд. Таълими фанҳои таълимии бахшҳои гуманитарӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва табиатшиносию риёзӣ бояд такрори маълумот ва донишҳои дар зинаҳои поёнии таҳсилот гирифта набуда, бояд давоми мантиқӣ ва сатҳи баланди ин ё он ихтисос ва касбият бошанд.

Дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бояд таълими фанҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва табиатшиносию риёзӣ барои тақвияти андешаҳои дар бахши фанҳои гуманитарӣ баёншуда, ҳамчунин барои таҳкими ҷаҳонбинии илмӣ-табиатшиносӣ, фарҳанги техникӣ, иқтисодӣ, экологӣ, демографӣ ва иттилоотии донишҷӯён хизмат кунанд.

Маводи таълимӣ аз фанҳои бахшҳои гуманитарӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва табиатшиносию риёзӣ дар маҷмӯъ бояд ба тарбияи худшиносиву худогоҳӣ, ифтихори ватандорӣ, шаъну шарафи шаҳрвандии донишҷӯён, ташаккули шахсияти онҳо, амнияти иттилоотӣ ва рушди зеҳнии ҷавонон бо назардошти равандҳои ҷаҳонишавӣ ва шиддат гирифтани муборизаҳои иттилоотӣ нигаронида шавад. Дар ин раванд барои пешгирии воридшавии мафкураи бегона ба зеҳни ҷомеа, тавсеаи мафкураи миллӣ, рушди иҷтимоиву сиёсии ҷомеа, таҳкими иттиҳоди нерӯҳои созандаи кишвар барои ҳифзи манфиатҳои стратегии миллат ва давлат, мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм, хурофотпарастиву ифротгароӣ, бегонашавию бегонапарастӣ бояд таваҷҷуҳи зарурӣ дода шавад. Инчунин, баёни масоили демократикунонии ҳаёти иҷтимоиву сиёсии кишвар, дурнамои рушди иқтисодию иҷтимоии Тоҷикистон дар тамоми соҳаҳо ва ба фаҳмондадиҳии масъалаҳои дигари мубрами ҷумҳурӣ ва ҷаҳони муосир бояд дар маркази таваҷҷуҳ қарор гирад.

Раванди таҳияи барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимию методии насли нав аз фанҳои гуманитарӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва табиатшиносию риёзӣ бояд дар заминаи талаботи Стандартҳои давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳадди ақалли бо ин Стандартҳо муайянгардида сурат гирад.

## 3.2 Методология ва принсипҳои махсус

Дар баробари методология ва принсипҳои умумӣ, дар таҳияи маводи таълимӣ бояд методология ва принсипҳои махсус ё талаботи зерин ҳатман ба назар гирифта шаванд:

– тамоми дастовардҳои ҷомеаи тоҷик дар даврони истиқлолият дар маводи таълимӣ воқеъбинона нишон дода шавад;

– маводи таълимӣ аз нигоҳи таърих ва фарҳанги миллӣ ва бо такя ба ахлоқи миллӣ таҳия карда шавад. Маводи пешбинишуда ногузир бояд садди роҳи зуҳуроти нодида гирифтани комёбиҳо ва ҷиҳатҳои мусбати рушди Тоҷикистон гардад, пеши роҳи нигилизму манқуртизм, бегонашавию бегонапарастӣ, теологизатсия ва экспансияи мафкураи бегонагонро гирад;

– маводи таълимӣ бояд аз яктарафа маънидод кардан (чун аврупомарказӣ (европосентризм) ё осиёмарказӣ (азиясентризм), теологизм ва амсоли он) ба пуррагӣ озод бошад ва ба назарияҳои илмии ватанӣ ва ҷаҳонӣ, ки ҷавобгӯи талаботу эҳтиёҷоти маънавии миллианд, такя намояд;

– ҳифзи манфиатҳои миллӣ бояд дар пешниҳоди маводи таълимӣ дар мадди аввал қарор дошта бошад;

– мавзӯъҳо ва маводи пешниҳодшаванда ба татбиқи давлатдории миллӣ мусоидат намоянд;

– дар маводи таълимӣ истифода аз назария ва консепсияҳои миллӣ, дастовардҳои илму фарҳанги ватанӣ бештар ба роҳ монда шуда, назария ва консепсияҳои мутафаккирону олимони минтақа ва кишварҳои дигар низ барои иттилоъ ва муқоиса пешниҳод карда шаванд;

– дар баёни мавзӯъҳо, консепсияҳо ва назарияҳое, ки дар маводи таълимӣ таҳлил карда мешаванд, бояд ба дингароӣ ва бунёдгароии динию мазҳабӣ роҳ дода нашавад;

– мавзӯъҳо ва маводи пешниҳодшаванда танҳо бо такя ба ҷаҳонбинии илмӣ, фарҳанги техникӣ ва бо назардошти ташаккули ҷаҳонфаҳмии илмию табиатшиносӣ ва ақлонию мантиқӣ навишта шаванд;

– дар пешниҳоди мавзӯъҳо оид ба дин, махсусан, оид ба дини ислом ҳамчун ҷузъи фарҳанги миллӣ танҳо ба ҷанбаҳои ахлоқию тарбиявии ин навъи ҷаҳонбинӣ таваҷҷуҳ карда шавад, то ин ки маводи таълимӣ бо мақсадҳои ифротгароию тундравӣ истифода намудани таълимоти динию мазҳабиро дар маҷмӯъ ва ё аҳкоми исломиро дар алоҳидагӣ пешгирӣ намоянд ва маводи таълимӣ ба пуррагӣ аз таҳлили илмии дин ва ҷаҳонбинии динӣ иборат бошанд;

– канораҷӯӣ аз бегонашавӣ ва бегонапарастӣ бояд ҳадафи асосии маводи таҳияшуда бошад ва дар онҳо ба экспансияи ҳеч гуна афкору ақидаҳои ғайр роҳ дода нашавад;

– маводи таълимӣ аз забонҳои давлатӣ, русӣ ва хориҷӣ бояд барои баланд бардоштани сатҳи забондонии донишҷӯён тавассути омӯзиши матнҳо, на назарияҳои мушкилбаён мусоидат намуда, ҳамзамон матнҳо ва мисолҳоеро фаро гиранд, ки барои рушди зеҳнӣ ва тарбияи таълимгирандагон асос гарданд;

– тарбияи ҷисмонии донишҷӯён бояд барои ташаккули тарзи солими ҳаёт, рушди ҷисмонии ҷавонон ва ҳамзамон, ба тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии онҳо мусоидат намояд;

– маводи тамоми фанҳои гуманитарӣ бо риояи ба эътибор гирифтани тағйирёбандагии босуръати ҷаҳони муосир таҳия карда шавад, аз ин рӯ ҳангоми таҳияи маводи таълимӣ ба назар гирифта шавад, ки онҳо бояд мунтазам мавриди таҷдиди назар қарор гиранд, семинарҳои махсус дар муҳлати на зиёдтар аз се сол ва курсҳои махсус дар муҳлати на зиёдтар аз панҷ сол бояд ба пуррагӣ иваз карда шаванд;

– барномаҳои таълимӣ бояд ягона бошанд, унификатсия карда шаванд, вале услуби таҳияи китобҳои дарсӣ ва баёни мавзӯъҳо, мисолҳои овардашуда метавонанд аз ҳамдигар тафовут дошта бошанд;

– маводи таълимӣ аз ҳар як мавзӯъ бояд дар ҳаҷми зарурӣ, бо забони ба донишҷӯ дастрас ва оммафаҳм таҳия карда шавад ва ғ.

## 4. Натиҷагирӣ аз Консепсия

Бо амалисозии Консепсия дар маҷмӯъ бояд чунин китобҳои насли нав ба чоп расанд, ки ҳамаҷониба ба тарбияи маҷмӯии (комплексии) насли ҷавони муосир нигаронида шудаанд. Ин ҷавонон бояд бо ҳисси баланди худшиносиву худогоҳии миллӣ, зиракии сиёсӣ ва маърифати баланди ҳуқуқӣ ҷиҳати пешрафти кишвар, густариши ваҳдати миллӣ, таъмини суботу оромӣ ва таҳкими истиқлолияти давлатӣ аз худ ташаббусҳои созанда нишон дода, ҷиҳати боз ҳам мустаҳкам гардидани мақоми Тоҷикистони соҳибистиқлол дар арсаи байналмилалӣ саҳмгузор бошанд.

Консепсия ҳамзамон бояд ба ҳадафҳои зерин ноил гардад:

- баланд шудани сифати таълим ва боло рафтани сатҳи дониш ва ҷаҳонбинии илмии донишҷӯён;
- бо ақида ва мафкураи миллӣ мусаллаҳ гардидани донишҷӯён ва хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;
- омода кардани мутахассисони соҳибкасб, барандаи тафаккури баланд ва худшиносии миллӣ, ифтихори ватандорӣ, шаъну шарафи шаҳрвандӣ ва арҷ гузоштан ба рамзҳо ва арзишҳои давлатдории миллӣ;
- таъминоти пурраи донишҷӯён бо китобҳои дарсӣ ва маводи дигари таълимӣ аз фанҳои бахшҳои гуманитарӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва табиатшиносию риёзӣ;
- такмили Стандартҳои давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- татбиқи ислоҳоти системаи таҳсилоти олии касбӣ;
- ба даст овардани натиҷаҳои назаррасИ илмӣ ва методӣ;
-истифодаи метод ва технологияҳои нави иттилоотиву коммуникатсионӣ дар ҷараёни таълими фанҳои таълимии бахшҳои гуманитарӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва табиатшиносию риёзӣ;
- рушди кафедраҳои гуманитарӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва табиатшиносию риёзии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;
-пайдо намудани роҳу усулҳои наву замонавии таълими фанҳои гуманитарӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва табиатшиносию риёзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;
- такмили маблағгузории чопи китобҳои дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;
- ғанӣ гардонидани хазинаи китобхонаҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ.

Бо натиҷагирии ҳадафҳои дар боло омада татбиқи Консепсияи мазкур таъмин шуда, тағйироти сифатӣ дар рушди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таълиму тарбияи хатмкунандагони онҳо ба вуҷуд меояд.

**Замимаи 1.**
**Тадбирҳо**
**оид ба амалӣ намудани Консепсияи таҳияи барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимию методии насли нав аз фанҳои таълимии бахшҳои гуманитарӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва табиатшиносию риёзӣбарои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| № | Номгӯи чорабинӣ | Мутасаддӣ | Мӯҳлати иҷро |
|---|---|---|---|
| 1. | Дар робита ба гузариш ба таҳияи барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимию методии насли нав аз фанҳои таълимии бахшҳои гуманитарӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва табиатшиносию риёзӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Стандартҳои давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2011, №502) | Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ | Майи 2016 |
| 2. | Назорати иҷроиТадбирҳо оид ба амалисозии Консепсияи таҳияи барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимию методии насли нав аз фанҳои таълимии бахшҳои гуманитарӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва табиатшиносию риёзӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Раёсатҳои таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, илм ва инноватсия | Мунтазам |
| 3. | Ташкили гурӯҳҳои муаллифони китобҳои дарсӣ аз фанҳои таълимии бахшҳои гуманитарӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва табиатшиносию риёзӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Раёсатҳои таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, илм ва инноватсия | Ноябри 2015 |
| 4. | Таҳияи нақшаҳои таълимӣ аз фанҳои таълимии бахшҳои гуманитарӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва табиатшиносию риёзӣбарои | Муаллифони китобҳои дарсӣ | Декабри 2015 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҶумҳурииТоҷикистон | | |
| 5. | Таҳияи барномаҳои таълимӣ (ё силлабусҳо) аз фанҳои таълимии бахшҳои гуманитарӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва табиатшиносию риёзӣбарои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Муаллифони китобҳои дарсӣ | Феврали 2016 |
| 6. | Таҳияи китобҳои дарсӣ аз фанҳои бахшҳои гуманитарӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва табиатшиносию риёзӣбарои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Муаллифони китобҳои дарсӣ | Майи 2016 |
| 7. | Муҳокима ва таҳрири китобҳои дарсӣ аз фанҳои таълимии бахшҳои гуманитарӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва табиатшиносию риёзӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Раёсатҳои таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, илм ва инноватсия | Июни 2016 |
| 8. | Чопи китобҳои дарсӣ аз фанҳои таълимии бахшҳои гуманитарӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва табиатшиносию риёзӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методӣ | Июли 2016 |
| 9. | Дар буҷети Вазорати маориф ва илм пешбинӣ намудани маблағ барои чопи китобҳои дарсӣ аз фанҳои таълимии бахшҳои гуманитарӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва табиатшиносию риёзӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм | Соли 2016 |
| 10. | Дар буҷети муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ пешбинӣ намудани маблағ ҷиҳати харидорӣ намудани китобҳои дарсӣ аз фанҳои таълимии бахшҳои гуманитарӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва табиатшиносию | Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Соли 2016 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | риёзӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон | | |
| 11. | Гузаронидани семинари умумиҷумҳуриявии мудирони кафедраҳои фанҳои гуманитарӣ ва иҷтимоию иқтисодии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Раёсатҳои таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, илм ва инноватсия | Августи 2016 |
| 12. | Гузаронидани семинари умумиҷумҳуриявии мудирони кафедраҳои табиатшиносию риёзии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Раёсатҳои таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, илм ва инноватсия | Августи 2016 |
| 13. | Дастрас намудани китобҳои дарсӣ аз фанҳои таълимии бахшҳои гуманитарӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва табиатшиносию риёзӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методӣ | Августи 2016 |